# Тоҷикистон

**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Сардори давлат: **Эмомалӣ Раҳмон**

Сардори Ҳукумат: **Қоҳир Расулзода**

**Даҳҳо тан аз эътирозгарони қавмии помириро нерӯҳои амниятӣ дар ҳоле куштанд, ки тазоҳурот бо хушунат пахш гардида, дар шарқи кишвар "амалиёти зиддитеррористӣ" ба роҳ монда шуд. Фаъолон, раҳбарони маҳаллӣ, рӯзноманигорон ва блогнависон боздошт ва дар мурофиаҳои додгоҳии ноодилона маҳкум шуданд. Бисёриҳо аз шиканҷа шудан хабар доданд. Дастрасӣ ба иттилоот, аз ҷумла тавассути васоити ахбори омма ва интернет хеле маҳдуд гардид. Зӯроварӣ дар оила густурда боқӣ монд ва қурбониён ба адолат ё кумак пурра таъмин набуданд. Боздошт ва ихроҷи гурезаҳои афғон идома ёфт.**

## Маълумоти умумӣ

Дар давоми 30 соли ҳукмронии Президент ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии Тоҷикистон таҳти назорати қатъии вай ва аҳли оилааш қарор дорад.

Дар даргириҳои марзии миёни Тоҷикистону Қирғизистон дар моҳи сентябр беш аз 100 нафар, аз ҷумла даҳҳо ғайринизомӣ кушта ва хонаҳо, мактабҳо ва бозорҳо тахриб шуданд.

Моҳи май, пас аз чанд моҳи саркӯби ҳадафмандона аз тарафи ҳукумати марказӣ, танишҳои тӯлонӣ дар шарқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) байни мақомот ва помириҳо, як ақаллияти қавмии хурди эътирофнашудаи мутааллиқ ба ҷамоати исмоилиёни шиа, боиси эътирозҳои нав гардид. Ҳукуматдорон санаи 18 май «амалиёти зиддитеррористӣ»-ро ба роҳ монда, ин эътирозҳоро берахмона пахш карданд ва дар натиҷа дар давоми якчанд ҳафта даҳҳо помирӣ кушта шуданд. Зиёда аз 200 нафар ба ҳабс гирифта шуданд.

## Ҳуқуқ ба ҳаёт ва амнияти шахсӣ

Моҳи май омори аввалаи расмии ҳукумат оиди кушташудагон дар "амалиёти зиддитеррористӣ" дар ВМКБ 21 нафар буд, ҳарчанд манобеъи ғайрирасмӣ аз рақами ду баробар бештар гузориш доданд. Ҳолати марги бисёриҳо, дар ҳоли набудани гузориши мустақил аз Тоҷикистон, боис ба иттиҳомоти эъдоми ғайриқонунӣ шудааст. Фаъолони намоён, пешвоёни ғайрирасмии маҳаллӣ, шоирон, пешвоёни динӣ ва рӯзноманигорон худсарона боздошт шуданд.

Чанде аз намояндагони саршиноси ҷамъияти помириҳо дар Русия қабл аз боздошт гардидан дар Тоҷикистон дар Русия рабуда шуданд. То охири сол, аксари

боздоштшудагон дар мурофиаҳои ноодилона, маъмулан барои узвият дар созмони ҷиноӣ ва талоши сарнагун кардани сохти конститутсионӣ ба мӯҳлатҳои тӯлонии зиндон маҳкум шуданд. Сарнавишт ва макони будубоши бархе аз боздоштшудагон номаълум боқӣ монда, боиси ҳарос оиди иҷборан ғайб задани онҳо мегардад.

## Ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ

Саркӯби таъсиргузорони маъруфи помирӣ, роҳбарон ва фаъолони маҳаллӣ бо ҳамлаи васеътар ба мероси фарҳангии помириҳо ҳамроҳ буд. Дар пайи нооромиҳои моҳи май-июн, мақомот як қатор созмонҳои маҳаллии марбут ба Шабакаи рушди Оғохонро, ки дар бахшҳои маориф, рушди иқтисод ва таълими дин кор мекарданд, баста ва молу мулки онҳоро мусодира намуданд.

## Озодии баён

Озодии баён ба таври ҷиддӣ маҳдуд буд. Чанд расонаи мустақили боқимонда, ҳомиёни ҳуқуқи башар ва блогнависон дар паи саркӯби эътирозҳои ВМКБ ҳадафи шадид қарор гирифтанд.

Рӯзи 17 май Муллораҷаб Юсуфӣ ва Анӯшервон Орипов, рӯзноманигорони бахши тоҷикии Радиои Аврупои Озод ва хабаргузории минтақавии «Настояшее время» пас аз мусоҳиба бо рӯзноманигори маъруфи помирӣ ва ҳомии ҳуқуқи башар Улфатхоним Мамадшоева дар бораи воқеаҳои ВМКБ дар пойтахт, шаҳри Душанбе аз ҷониби афроди номаълум мавриди латукӯби шадид қарор гирифтанд.

Рӯзи дигар худи Улфатхоним Мамадшоеваро боздошт ва ба “даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ” муттаҳам карданд. Моҳи декабр вай дар пайи мурофиаи пӯшида ва ноодилона ба 21 соли зиндон маҳкум шуд. Пас аз боздошти ӯ, мақомот ба хабаргузории хусусии “Азия-Плюс”, ки Улфатхоним Мамадшоева бораи он гузориш омода мекард, амр додааст, ки пахши рӯйдодҳои ВМКБ-ро қатъ кунад. Нашрияҳои дигар низ дар бораи чунин маҷбурсозӣ хабар доданд.

Санаи 19 май блогнавис ва рӯзноманигори помирӣ Хушрӯз Ҷумъаев (маъруф бо номи Хушом Ғулом) боздошт шуд. Ӯ моҳи декабр бо иттиҳоми ношаффоф дар робита ба ҳодисаҳои моҳи май дар ВМКБ ба ҳашт соли зиндон маҳкум гардид.

Фаъолони дигаре, ки дар давоми сол ба мурофиаҳои ноодилона дучор шуданд, тақрибан даҳ нафар аъзои Комиссияи 44, як гурӯҳи мустақили ҳуқуқшиносон ва ҳомиёни ҳуқуқи башар мебошад, ки барои таҳқиқи куштори як фаъоли маҳаллӣ дар моҳи ноябри соли 2021, ки боиси эътирозҳо дар ВМКБ гардид, таъсис шуда буд. Шафтолу Бекдавлатов ва Хуҷамрӣ Пирмамадов бо иттиҳоми ташкили гурӯҳи ҷиноӣ ва

дарёфти кумаки молӣ аз хориҷи кишвар ба 18 соли зиндон маҳкум шуданд. Раиси Анҷумани ҳуқуқшиносони Помир Манучеҳр Холиқназаров рӯзи 9 декабр ба 15 соли зиндон маҳкум шуд.

Рӯзноманигорон ва блогнависон ҳамчунин барои гузоришҳои танқидии ба ВМКБ марбут набуда дучори таъқиб шуданд. Санаи 15 июн ду рӯзноманигор ва ҳамкор Далери Имомалӣ ва Авазмад Ғурбатов (бо номи Абдулло Ғурбатӣ маъруф аст), ки дар бораи нақзи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба таври густурда гузориш медоданд, чанде пас аз гузориш дар бораи тахриби хонаҳо дар Душанбе боздошт шуданд.

Авазмад Ғурбатов рӯзи 4 октябр дар як мурофиаи пӯшида бо иттиҳоми қалбакии ҳамла ба афсари милиса ва узвият дар созмони сиёсии худсарона мамнӯъшудаи "Гурӯҳи 24" ба ҳафтуним соли зиндон маҳкум шуд. Пас аз ду ҳафта, дар мурофиаи дигар, Далери Имомалӣ ба иттиҳоми саркашӣ аз андоз, паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ва узвият дар гурӯҳи 24 ба 10 соли зиндон маҳкум гардид.

Интернет дар чанд моҳи аввали соли ҷорӣ дар ВМКБ комилан қатъ гардида, дар давоми сол танҳо гоҳ-гоҳ ва қисман барқарор карда шуд. Маҳдудиятҳои сахт дар саросари кишвар боқӣ монданд.

## Шиканҷа ва дигар бадрафторӣ

Шиканҷа ва дигар бадрафторӣ ҳамчун воситаи тарсонидан ва ҳам ба даст овардани эътирофи гуноҳҳо васеъ паҳн шуда буд. Маҳбусон дар бораи таҳқир ва беэътиноӣ, аз ҷумла лату кӯб, набудани дастрасӣ ба ғизою об ва шароити сарду тар дар дохили камераҳо гузориш медоданд.

Абдусаттор Пирмуҳаммадзода, блогнавис, ки дар соли 2020 ба далели интиқод аз ҳукумат аз як радиои давлатӣ барканор шуда буд, моҳи июл дар ҳоле ки дар боздоштгоҳи тафтишотӣ буд, тавонист номаеро берун фиристад, ки дар он лату кӯби шадид, шиканҷа бо қувваи барқ ва шиканҷаи равонӣ, аз ҷумла таҳдид алайҳи оилааш, бо мақсади ба даст овардани эътирофи гуноҳро тасвир кардааст. Ӯ моҳи ноябр ба ҳафт соли зиндон маҳкум шуд.

Моҳи июн, ҳангоми кӯшиши ширкат дар консерт дар боғи истироҳатии ноҳияи Спитамен, Элобат Оғалиқова барои пӯшидани либоси сиёҳ дар мотами марги як писараш - як амали анъанавӣ, ки соли 2017 мамнӯъ гардидааст, боздошт шуд. Ӯро дар шуъбаи милисаи ноҳияи Спитамен лату кӯб карданд ва дар беморхона бистарӣ гардид. Вақте ки ӯ шикоят кард, ӯро барои итоат накардан ба афсари милиса ба 15 рӯзи ҳабс таҳдид карданд.

## Ҳуқуқҳои занон ва духтарон

Тибқи нишондиҳандаҳои сершуморе, ки дар давоми сол нашр шудаанд, аз ҷумла Гузориши ҷаҳонии тафовути гендерии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ, тафовути гендерии Тоҷикистон дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ баландтарин ва яке аз баландтаринҳо дар ҷаҳон буд.

Тибқи як назарсанҷӣ, ки аз ҷониби ташаббуси "Нури рушноӣ"-и ИА ва Созмони Милали Муттаҳид дар моҳи июн нашр шудааст, 77,3% пурсидашудагон зӯроварӣ нисбати занонро дар Тоҷикистон густурда медонанд ва 34% пурсидашудагон (аз ҳарду ҷинс) латукӯби занеро, ки аз итоат кардан саркашӣ мекунад, дуруст мешуморанд. Дар гузориши замимашуда мушкилоти дигари доманадор таъкид шудаанд: заминаи сусти қонунӣ; доираи маҳдуд ва маблағгузории нокифояи хадамоти муҳофизатӣ; тасаввуроти ғалати қолабӣ дар байни онҳое, ки кумак мерасонанд, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ. Лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ, ки барои хушунати хонаводагӣ бояд ҷазои ҷиноятӣ таъин кунад, аз соли 2021 ба порлумон фиристода шуда, то охири сол тасвиб нагардида буд.

## Ҳуқуқи гурезаҳо ва муҳоҷирон

Моҳи август Раёсати СММ оид ба гурезагон, аз идомаи боздошт ва ихроҷи паноҳандагони афғон нигаронии ҷиддӣ баён кард. Ин ниҳод танҳо дар моҳҳои август ва сентябр даҳҳо парвандаро ҳуҷҷатгузорӣ кардааст. Аъзои ҷамъияти тақрибан 14 000-нафараи гурезаҳои афғон гузориш доданд, ки ихроҷи иҷборӣ бидуни ҳеҷ гуна расмиёт ва далели ошкор сурат мегирад.